Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

## Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Тибқи моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад”. Манзил воқеан яке аз проблемаҳои муҳими ҳаётӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо зиёда аз 1000 000 нафарон беманзил мебошанд. Хушбахтона дар Тоҷикистон таъмини манзил бо роҳҳои гуногуни ҳуқуқӣ иҷозат дода шудааст ва давлат кӯшиш менамояд, ки масъалаи мазкурро ҳал намояд. Яке аз ин роҳҳо, дар ривоҷ додани шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои

истиқоматӣ мебошад. Таҳлили ҳуқуқи шартномаи мазкур ва дуруст ба роҳ мондани он барои ҳалли таъмини манзил мусоидати калон менамояд.

Муаллиф дурурст зикр менамояд, ки “Маҳз мавҷуд набудани талаботи ягона ва қоидаҳои ҳатмӣ дар шароити муосир сабаб гардидааст, ки баъзе ширкатҳои сохтмонӣ «фурӯши дукарата»- и як объекти ғайриманқулро анҷом диҳанд. Аз ин сабаб, шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, зеро предмети он объекти молу мулки ғайриманқул (сохтмон) мебошад. Ҳамчунин, ин предмет ба сифати манзил баромад мекунад, ки аз м.36 Конститутсияи ҶТ сарчашма мегирад. Бинобар ин, пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, алалхусус манзили истиқоматӣ ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад” (с.8).

Вобаста ба ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Рисолаи мазкур ба бартараф намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти гуфтаи боло мубрамияти илмию амалии рисолаи Султонова Дилрабо Шодихоновна ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола ҳамчун кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Навгонии диссертатсия дар он зоҳир

мегардад, ки: рисолаи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлухои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ таҳқиқ шуд. Ҳамчунин маҷмуи масъалаҳое баррасӣ гаштаанд, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд. Якум, таҳлили мафҳум ва моҳияти иштирок дар сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ба роҳ монда шудааст. Дуюм, хусусиятҳои хоси мавзуи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ асоснок гардидааст. Сеюм, ҳуқуқу уҳдадорӣ ва вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома муайян карда шудааст. Чорум, ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳои шартнома таҳлил гашта, усулҳои хоси таъмини иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ коркард гардидаанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд ва сазовори дастгирӣ мебошанд:

1. Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ падидаи ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, барои низоми ҳуқуқии ҶТ нисбатан нав мебошад, чунки муносибатҳои объективии ҷамъиятӣ аллакай миёни субъектони ҳуқуқӣ пайдо гардида, танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо дар кишвар ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ яке аз механизмҳои муҳимми беҳдошти ҳолати манзилии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ ҳамчун шакли нави шартномавӣ таъмин карда мешавад. Яъне шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии бинои

истиқоматӣ ҳамчун навъи мустақили шартномавӣ ба сохтан (бунёд)-и объекти нави молу мулки ғайриманқул равона карда шудааст ва пас аз он ба объекти сохтмони ҳиссагӣ интиқол дода мешавад. Бо назардошти конструксияи шартномаи мазкур он дар чунин шакл дар КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст ва аз лиҳози ҳаҷман васеъ ва фаррох будани меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои мазкур зарурати таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» ба вуҷуд омадааст.

2. Таҳлили сохтори шартномавӣ имкон дод, ки шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ҳамчун ухдадории шартномавӣ бандубаст гардад. Бинобар ин, мавзуи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ як тараф сохтани бинои истиқоматӣ бо интиқоли минбаъдаи он ба тарафи дигар дар ивази пардохти нархи шартномавии охирини пешбинишуда мебошад. Ба ухдадориҳои иштирокчии сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ илова ба пардохт, қабули объект низ дохил мешавад.

3. Дар натиҷаи таҳлилу муқоиса ва муайян намудани таносуби шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ хулоса бароварда шуд, ки ин шартнома дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи воқеан нав буда, хусусиятҳои ба худ хосро доро аст ва аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври куллӣ фарқ менамояд.

4. Дар механизми танзими шартномавии муносибатҳо вобаста ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ тарзҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ муҳим буда, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои гуногун истифода мешаванд. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур истифодаи гарави ширкати сохтмонӣ тибқи муқаррароти қонун ҳамчун тарзи таъмини иҷрои ухдадориҳои иштирок дар сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ асоснок кардааст.

5. Зарурати тасдиқи нотариалӣ ва бақайдгирии давлатии шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ асоснок кардааст. Низоми мавҷудаи ҶТ бинобар аз номукамалии танзими ҳуқуқӣ

наметавонад ҳуқуқи иштирокчиёни сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматиро пурра ҳифз намояд. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мешаванд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади дар соҳаи сохтмони манзили ҷумҳурӣ ворид намудани механизми муосири бозоргонӣ ва ташкили шароити мусоид барои ҷалби фаъоли сармоягузорӣ, таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар раванди иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул, бахусус биноҳои истиқоматӣ, инчунин пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дар сохтмони ҳиссагӣ иштироккунанда, Қонуни ҶТ «Дар бораи сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ» қабул карда шавад.

2. Бо мақсади дар муқаррароти КМ ҶТ ва ё дигар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ намудани мафҳумҳои асосии ба муносибатҳои сохтмони ҳиссагӣ вобаста, дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавон чунин мафҳумҳои мушаххасро оид ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ пешкаш намуд. Чунончи: 1) биноӣ истиқоматӣ – ашёи ғайриманқуле, ки аз масоҳати таъиноти манзили истиқоматӣ ва маъмурию хизматрасонӣ иборат буда, бо ҷалби пурра ё нопурраи воситаҳои пулии ҳиссагузорон сохта мешавад; 2) ҳиссагузор – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо ширкати сохтмонӣ бо мақсади ба даст овардани объекти сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ шартнома мебанданд; 3) ҳисса дар биноӣ истиқоматӣ – масоҳати объекти сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ, инчунин, таҷҳизоти технологӣ ва муҳандисӣ, ки барои иҷрои шартнома ба ҳиссагузор супорида мешаванд; 4) шартномаи сохтмони ҳиссагии биноӣ истиқоматӣ – мутобиқи он як ҷониб (ҳиссагузор) ухдадор мешавад, ки бо риояи шарт ва мухлати шартнома нархи муайяншударо ба тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) пардохт намояд, тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) ухдадор мегардад, ки объекти сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматиро сохта, ба ҷониби дигар (ҳиссагузор) пешниҳод намояд; 5) ширкати сохтмонӣ – шахсони ҳуқуқие,

ки бо ҷалби воситаҳои пулии ҳиссагузорон тибқи қонунгузорӣ бинои истиқоматиро бунёд менамояд.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон муқаррароти илмии №1, №2, №3 баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд**

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои

ҳуқуқ ба манзил бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар чараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи шартномавӣ дар курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии молумулкии соҳибони объектҳои ҳуқуқи манзил равона шуда, мавқеи ҳуқуқии моликони манзилро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**

Рисоланавис 10 мақолаи илмӣ нашр намудааст, 5 –тои он дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия**

Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯихати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 206 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Боби якум** – "Масъалаҳои умумии шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ" фарогири таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, таносуби шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Дар боби мазкур муаллиф мафҳумҳои марбут ба шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро баррасӣ карда, бинои истиқоматиро яке аз объектҳои ҳуқуқи маданӣ баррасӣ кардааст. Сарчашмаҳои зиёдӣ илмӣ ва қонунгузориро дар ин боб таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ кушодааст.

**Боби дуюм – "Унсурҳои шартномаи сохтомни ҳиссагии бинои истиқоматӣ"** бахшида шудааст ба масъалаҳои мавзуи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва хуқуқу ухдадориҳои онҳо, таъмини иҷрои ухдадориҳои тарафҳо ва масъалаҳои танзими ҳуқуқии онҳо дар шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, дигар унсурҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ.

Дар боби мазкур проблемаҳои гуногуни унсурҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф шартҳои асосии шартномаи мазкур таҳлил намуда, хулосаҳои илмӣ баровардааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **авторефератро** тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

## Эродҳо ба диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар навгонии №1 пешниҳод менамояд, ки зарурати қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» ба вуҷуд омадааст. Боби 60 КМ ҶТ ба сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дахл дорад, ки ҷанбаи шартномавии онро фаро мегирад. Саволе ба миён меояд, ки муаллиф кадом масъалаҳоро мехоҳад дар лоиҳаи қонуни пешниҳодкардааш ҷой диҳад?
2. Муаллиф дар навгонии №3 зикр менамояд, ки "дар натиҷаи таҳлилу муқоиса ва муайян намудани таносуби шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ хулоса бароварда шуд, ки ин шартнома дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи воқеан нав буда, хусусиятҳои ба худ хосро доро аст ва аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври куллӣ фарқ менамояд".

Мутаассифона муаллиф хусусиятҳои хоси шартномаи мазкурро дар навгонӣ баён намекунад. Хуб мешавад, ки ҳангоми ҳимоя он хусусиятҳои хоси шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро маҳз муаллиф ошкор кардааст баён намояд.

3. Муаллиф чунин мафҳумро пешниҳод менамояд " ширкати сохтмонӣ – шахсони ҳуқуқие, ки бо ҷалби воситаҳои пулии ҳиссагузорон тибқи қонунгузорӣ бинои истиқоматиро бунёд менамояд".

Ба назари мо калимаи "ширкат" ба ду шакли ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқие, ки КМ ҶТ муқаррар кардааст, хос мебошад: 1) ширкати оддӣ, 2) ширкати ба боварӣ асосёфта. Дар мафҳуми мазкур беҳтар аст, ба ҷойи калимаи "ширкат", калимаи "ташкилот" истифода шавад, зеро он хоси тамоми шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат

медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон,
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, куч. Борбад 48/5
Тел.: 555551494

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

31 майи соли 2024